Суратҷаласаи №2
Шӯрои машваратии ҷамъиятии назди КВДК «Хуҷандобукеанал»

30 октябри соли 2015 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** Бобоҷонов Ё.И.-директори генералӣ, Бурҳонов Р.С.-сардори иҷроиши лоиҳаи КВДК «ХОК», Раиси иҷроияи иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон, сардори филиали иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон дар вилояти Суғд, аъзоёни шӯрои машваратӣ

Иштирок надоштанд: 1 нафар (ТСЖ бинои Темурмалик)

Рӯзномаи маҷлис:

1. Баромади сардори гурӯҳи лоиҳа Бурҳонов Р.С. оид ба маълумоти мухтасар дар бораи Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ, инчунин шиносоӣ бо аъзоёни Шуро.
2. Призинтасияи низомномаи Шӯрои машварати ҷамъиятӣ аз ҷониби роҳбари иҷроияи «Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон» Абидов Илхом.
3. Усулҳои ҷории расонидани маълумотҳо ба муштариёни истеъмолкунандагони об ва инчунин баррасӣ намудани дигар роҳҳои расонидани маълумотҳо ба муштариён ва ҷорӣ намудани он дар таҷриба.
4. Баррасии масъалаи сатҳи хизматрасонӣ, ҳангоми таъмин намудани муштариён бо оби нӯшокӣ.

Сарогоз, директори генералии КВДК «Хуҷандобуканал» Бобоҷонов Ё.И. баромад намуда, ҳамагон иштирокчиёни шӯрои ҷамъиятиро хайра мақдам намуд. Ӯ гуфт, ки моҳияти ҷамъомад барои корхона як такони умедбахш барои ҳимояи истеъмолкунандагон ба тариқи шаффофият корбарӣнамудан ва ҳал намудани муаммоҳои ҷойдошта корбарӣ хоҳад кард.

Сонияи, сухан ба Бурҳонов Р.С. дода шуд. Ӯ гуфт, ки бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқи манфиатҳои муштариён дар ҷараёни таъминоти сариваҷтии оби нӯшокӣ фармон таҳти №224 аз 30.09.2015 сол бо аъзоёни шӯрои ҷамъиятӣ таъсис дода шудааст, ошно намуд.

Чи хеле худ огаҳӣ доред, ки КВДК «Хуҷандобуканал» дар миқёси кишвар чун Корхонаи экспериментали дониста шудааст. чунин шӯрои ҷамъиятӣ истеъмолкунандагон фақат дар шаҳри Душанбе ва Хуҷанд таъсис дода шуда буду халос. Чунин вохӯрӣ тасмим гирифта шуд, ки моҳе як маротиба гузаронида шавад.

Намояндагони ТСЖ-и маҳаллаҳои шаҳри Хуҷанд ҳузур доранд дар маҳаллаю биноҳои истиқоматӣ то ҳоло камбудиҳо ё муаммоҳо вуҷуд доранд. Муштариёни КВДК «Хуҷандобуканал» аллакай тибқи барномаи беҳтаргардонии оби нӯшокӣ таъмин гаштанд. Фақат муштариёни шаҳри

Хуҷанд қисман аз тарафи корхона, бошандагони маҳаллаи Чашма -1,2 «Садаф» ва аз тарафи ҶДММ «Хизматрасони 2013»-и маҳаллаи 3-юм аз КВДК «Хуҷандобуканал» ҷудо мебошад.

Гуфта гузашт ба Раисони ТСЖ талафоти об дар назди КВДК «Хуҷандобуканал» 46% дида мешавад, ки 30%-и он дар ҳолати садамавӣ масраф мешавад. Бояд ҳамкорӣ зич бо аҳолӣ ба роҳ монда талафотро кам намуда сарфакорона истифода барем.

Бархе аз муштариён шикояте аз сифати об иброз доштанд, яъне кадом ташкилоти ба КВДК «Хуҷандобуканал» номаълум гуфтанӣ бошад, ки сифати оби нӯшокии Хоҷа-боқирғон хеле бадсифат мебошад. Ин амалиёти номатлубро пайгирӣ намуда, ба мақомотҳои ҳуқуқӣ ва давлатӣ мурожиат намудем, ки онҳо ҳам хабар надоранд. Сифати об тадриҷан рӯз ба рӯз беҳтар шуда истодааст ва таҳти назорат қарор дорад. Ба ин масъала ягон шубҳае нест.

Сониян, сухан ба аъзои шӯрои ҷамъиятӣ-машварати корхона ба Набиев В. дода шуд. Ӯ дар баромади худ гуфта гузашт, ки ин машварати ҳамкорӣ барои равнақ додани хизматрасони як таконе хоҳад бахшид. Корхона имрӯзҳо бо аҳолӣ зич ҳамкорӣ дорад.

Аз тарафи маъмурият барои огоҳии ин ё он минтақаро муваққатан қатъ намудан бо тариқи Ахбороти умум ба монанди ШТР «Азия», «СМ-1», «СТВ-Суғд», радиои маҳаллӣ «Садои Хуҷанҷ», «Тироз» ва тариқи шифоӣ бо нозир хазиначиён хабардор карда мешавад ва ҳолати барқарор намудани он муайян карда мешавад.

Инчунин ба мақомотҳои дахлдор, ки дар ин мавзеъҳо ҷойгир шуданд, тариқи телефонӣ барқия дода мешавад.

Ҳоло ҳозир бошад дар ягон минтақаҳо шикояти нарасидани об дида намешавад. Бо рӯзномаҳои маҳаллию вилоятӣ ба монанди «Ҳақиқати Суғд», «Суғдиён», «Варорудъ», «Сухани халқ» хуб ба роҳ монда шудааст, ки моҳе як маротиба оиди хизматрасони ё мақолае ба нашр мебароянд, ки шаффофияти корро нишон медиҳад.

Дар фарҷоми машварати корӣ аз тарафи раисони маҳаллаҳо бо саволу ҷавоб ба анҷом расида, таклиф пешниҳод гардид, ки моҳи оянда дар воҳӯрӣ вобаста ба машварати корӣ барои такон бахшидан муаммоҳои ҷойдошта: таъминоти оби нӯшокии маҳаллаҳои Чашма-3 ва шаҳраки Водники ноҳияи Б.Ғафуров, баррасӣ карда мешавад.

Бо ҳамин машварати Шӯрои ҷамъиятӣ барномаи дуюми воҳӯриро ба анҷом расонид.

Раиси комиссия: Бобоҷонов Ё.И.

Котиби комиссия: Бурҳонов Р.С.